Идораи ҳуқуқи Инсон ва Риояи Қонуният
Bureau of Human Rights and Rule of Law
Бюро по правам человека и соблюдению законности

Лоиҳа аз ҷониби Иттиҳоди
Аврупо маблағгузори мешавад

**Барномаи Иттиҳоди Аврупо «Дастгоҳи Аврупо барои рушди демократия ва ҳуқуқи инсон» дар Тоҷикистон**

# Ҳуқуқҳои шахсоне, ки дар муассисаҳои равонпизишкӣ ва муассисаҳои барои нашъамандон ҷойгир мебошанд, инчунин ҳуқуқу ӯҳдадориҳои кормандони ин муассисаҳо

Душанбе, 2020

HELSINKI FOUNDATION for HUMAN RIGHTS

BHR Идораи ҳуқуқи Инсон ва Риояи Қонуният
Bureau of Human Rights and Rule of Law
Бюро по правам человека и соблюдению законности

# Ҳуқуқҳои шахсоне, ки дар муассисаҳои равонпизишкӣ ва муассисаҳои барои нашъамандон ҷойгир мебошанд, инчунин ҳуқуқу ӯҳдадориҳои кормандони ин муассисаҳо

Лоиҳа аз ҷониби Иттиҳоди
Аврупо маблағгузори мешавад

**Барои ройгон паҳн намудан**
**Душанбе, 2019 с.**

**ББК: 67.91 (2 тоҷик)**

**Ч: У-73**

*Китобчаи мазкур аз ҷониби ташкилоти ҷамъиятии “Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният” дар доираи лоиҳаи “Амал барои озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон” бо дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо тайёр карда шудааст*

*Нуқтаи назари муаллифи китобча метавонад ба нуқтаи назар ё ин ки фикри  Иттиҳоди Аврупо ва Фонди Хелсинки оид ба ҳуқуқи инсон рост наояд.*

*Коршинос: Моҳира Усмонова*

*Теъдод: 500 нусха*

# МУНДАРИЧА

Муқаддима........................................................................................ 7
1. Кадом мақомот мақомоти ваколатдор дар соҳаи тандурустӣ аст?............................................................................... 8
2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом мақомот вазифаҳои таъминоти кафолати хизматрасонии давлатиро дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амали менамояд?..................................... 8
3. Кадом қонун масъалаҳои кӯмаки тиббию иҷтимоиро ба одамони мубталои бемориҳои рӯҳӣ ва нашъамандӣ ба танзим медарорад? ........................................................................................ 9
4. Носолимии (бемории) рӯҳӣ гуфта чӣ фаҳмида мешавад?....... 9
5. Муассисаҳои бемориҳои рӯҳӣ чист?......................................... 9
6. Кӯмаки тиббии рӯҳӣ чист?......................................................... 9
7. Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ чӣ маъно дорад?.............10
8. Табобати маҷбурӣ чӣ маъно дорад?........................................10
9. Кӯмаки тиббии рӯҳиро ки мерасонад?.....................................10
10. Кӯмаки аввалияи тиббиро ба шахсони мубталои бемориҳои рӯҳӣ ки расонида метавонад? .......................................10
11. Чӣ тавр ташхиси бемории рӯҳӣ гузошта мешавад?.................11
12. Барои ҷойгир намудани шахс ба муассисаҳои бемориҳои рӯҳии мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ чӣ асос шуда метавонад? ......................................................................................11
13. Табиби бемориҳои рӯҳӣ ҳангоми расонидани кӯмаки тиббии рӯҳӣ чиро ҳамчун дастури амал қарор медиҳад?.............12
14. Ба шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ аз ҷониби давлат кадом намуди кӯмак расонида мешавад?.....................................12
15. Асосҳо барои бистари кардан ба беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ...................................................................................................13
16. Дар кадом ҳолатҳо шахс бе розигиаш ба беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ ҷойгир карда мешавад.........................................13
17. Тартиби маҷбур ҷойгир намудани шахс ба беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ чӣ гуна аст? ..........................................................14
18. Тартиби муоинаи маҷбурии равонпизишкӣ чӣ гуна аст? .......15
19. Кадом меъёри қонунгузорӣ баррасии аризаҳоро барои табобат ва муоинаи шахсони бемор дар беморхонаҳои равонпизишкӣ танзим мекунад?...................................................16
20. Чунин аризаҳо чӣ тавр баррасӣ карда мешаванд?..................16
21. Бо чунин аризаҳо чӣ гуна қарор қабул кардан мумкин аст? ..16
22. Чӣ гуна хешовандон оиди ҷойгиршавии шахс дар беморхонаи рӯҳӣ хабардор карда мешаванд? ...............................17

23. Кӣ манфиатҳои қонунии шахсоне, ки ба онҳо ёрии тиббӣ ва равонӣ расонида мешавад, намояндагӣ карда метавонад?......17
24. Ба кӣ васӣ муайян карда мешавад?..........................................18
25. Ба кӣ парастор муайян карда мешавад?....................................18
26. Шахсоне, ки дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ бистари шудаанд чӣ ҳуқуқу ӯҳдадориҳо доранд? ........................................18
27. Маҳдудкунии ҳуқуқҳои шахсони дорои бемории рӯҳӣ иҷозат дода мешавад?..............................................................................19
28. Барои духтурон ва кормандоне, ки ба расондани ёрии тиббӣ ва психиатрӣ ҷалб шудаанд, чӣ гуна кафолатҳо ва имтиёзҳо пешбинӣ шудаанд?........................................................19
29. Кадом қонунгузорӣ табобати маҷбурии беморони рӯҳиро, ки кирдори ҷамъиятии хатарнок содир кардаанд, танзим мекунад? ..............................................................................................20
31. Зери мафҳуми "нашъамандӣ" чӣ ифода меёбад? ......................21
32. Бемориҳои наркологӣ чигунаанд ? ..........................................21
33. Кадом восита, воситаҳои нашъадор мебошанд?.....................22
34. Кадом муассисаҳо муассиаҳои наркологӣ мебошанд?...........22
35. Барқарорсозии тиббию иҷтимоӣ чӣ маъно дорад?................22
36. Кӯмаки наркологӣ кадом чорабиниҳоро фаро мегирад?........22
37. Майзадагӣ чист?........................................................................23
38. Ки ташхиси бемории наркологиро муқаррар мекунад?..........23
39. Чӣ тавр муоинаи тиббии шахсони мубталои бемориҳои наркологӣ, майзадагӣ ва шахсоне ки дар ҳолати мастӣ қарор доранд, гузаронида мешавад?....................................................23
40. Шахсони гирифтори бемориҳои наркологӣ дорои чи хел ҳуқуқҳо мебошанд? .......................................................................24
41. Ба кормандони муассисаҳои наркологӣ чӣ гуна ӯҳдадориҳо вогузор карда шудаанд? ...............................................................26
42. Барои бистарикунони дар беморхонаи наркологӣ чиҳо асос шуда метавонанд?....................................................................26
43. Дар кадом ҳолатҳо табобати маҷбурии шахсони мубталои бемории нашъамандӣ гузаронида мешавад?..............................27
44. Табобати маҷбурии беморони бемориҳои наркологӣ чӣ тавр гузаронида мешавад? ..............................................................28
45. Оё маҳдуд намудани ҳуқуқҳои шахсони гирифтори бемориҳои наркологӣ ба роҳ монда мешавад?...........................28
46. Дар кадом ҳолатҳо табобати маҷбурӣ ба амал бароварда намешавад? ..................................................................................28
47. Кадом намудҳои кӯмаки наркологӣ ва ҳифзи иҷтимоиро давлат пешниҳод менамояд?......................................................29

48. Муассисаҳои табобатию пешгирикунанда, ки кӯмаки беморхонавии наркологӣ мерасонанд, кадом вазифаҳоро ичро мекунанд? ....29
Руйхати адабиётҳои истифодашуда: ....31

**Иттиҳоди Аврупо аз 28 мамолики узв иборат аст, ки қарор доданд тадриҷан дониш, захира ва сарнавишти худро якҷоя кунанд. Якҷоя дар тӯли 50 соли васеъшавӣ, онҳо минтақаи субот, демократия ва рушди устуворро эҷод карданд, фарқиятҳои фарҳангиро ҳифз карданд, таҳаммулпазирӣ ва кафолати озодии шахсро нишон доданд.**

**Иттиҳоди Аврупо омода аст дастовардҳо ва арзишҳояшро бо кишварҳо ва мардуми берун аз қаламраваш мубодила кунад. Бо ин мақсад, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ба рушди кишвар дар ҳаҷми 25 миллион евро дар як сол кӯмак мерасонад**

**Ҳуқуқҳои шахсоне, ки дар муассисаҳои равонпизишкӣ ва муассисаҳои барои нашъамандон ҷойгир мебошанд, инчунин ҳуқуқу ӯҳдадориҳои кормандони ин муассисаҳо**

## Муқаддима

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад, ки "Ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд...".[1] Калимаи "ҳар шахс" маънои онро дорад, ки ҳамаи аъзоёни ҷамъият ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ доранд.

Мушкилоти рӯҳӣ ин бемори мебошад. Нашъамандӣ ва майзадагӣ низ бемориҳоянд.

Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад саломатии худро ихтиёрдори кунад. Вазифаи асосии духтур кӯмак ба бемор ва риояи қарзи духтурӣ ва одоби касбӣ мебошад.

тандурустӣ - низоми тадбирҳои хусусияти сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва тиббӣ дошта, ки ба пешгирӣ ва табобати бемориҳо, нигоҳдории гигиенӣ ва санитарии ҷамъиятӣ, нигоҳдорӣ ва таҳкими солимии ҷисмонӣ ва рӯҳии инсон, инчунин нигоҳдории ҳаёти фаъоли дарозумрӣ ва расонидани кӯмаки тиббӣ ба ӯ дар ҳолати аз даст додани солимӣ равона карда шудааст.[2]

Бо мақсади фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои ҳама аъзои ҷомеа, таҳкими вахдати иҷтимоӣ ва пешгирии изолиятсияи иҷтимоӣ, ҳолатҳои душвори зиндагӣ, давлат ҳуқуқи хизматрасониҳои иҷтимоиро дар системаи давлатии хадамоти иҷтимоӣ кафолат медиҳад.

Ба ҳолати душвори зиндагӣ ҳолате, ки фаъолияти мӯътадили зиндагии шаҳрвандро ба таври воқеӣ вайрон мекунад ва ё ҳолате, ки ӯ мустақилона аз он баромада наметавонад, аз ҷумла вобастагии бардавоми рӯҳӣ мансуб мебошад.[3]

---

[1] Моддаи 38 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

[2] Моддаи 1 Кодекси тандурустии (КТ) Ҷумҳурии Тоҷикистон

[3] Моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»

Шахсони истифодабарандаи хизматрасонии иҷтимоии ройгон инҳо ба шумор меравaнд аз ҷумла шахсоне, ки дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дошта ва ё шахсоне, ки ба хизмати таъҷилӣ эҳтиёҷ доранд.[4]

Ашхоси мубталои бемориҳои рӯҳӣ ва наркологӣ ба меҳрубонӣ ва муносибати башардӯстона ҳуқуқ доранд.

Донистани ҳуқуқҳои шахсон дар беморхонаҳои рӯҳӣ, ташкилотҳо ва муассисаҳои наркологӣ ва риояи онҳо аз ҷониби кормандони ин муассисаҳо барои фароҳам овардани имконият барои зиндагии шоиста ва бехатар ва рафъи ҳолатҳои душвори зиндагӣ муҳим аст.

**1. Кадом мақомот мақомоти ваколатдор дар соҳаи тандурустӣ аст?**

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ин мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амалӣ мекунад ва ба раванди ташхис, пешгирӣ ва табобат дар ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ назорат ва роҳбарӣ менамояд.[5]

**2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом мақомот вазифаҳои таъминоти кафолати хизматрасонии давлатиро дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амали менамояд?**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳокимияти иҷроия буда, вазифаҳои таъминоти кафолати хизматрасонии

---

[4] Банди 4 Тартиб ва ҳаҷми пешниҳод намудани хизматрасониҳои ройгони иҷтимоӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2012 №724 тасдиқ шудааст (дар таҳрири қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.07.2015с. № 448)

[5] Моддаи 1 Кодекси тандурустии ҶТ

давлатиро дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, амалӣ менамояд. [6]

3. **Кадом қонун масъалаҳои кӯмаки тиббию иҷтимоиро ба одамони мубталои бемориҳои рӯҳӣ ва нашъамандӣ ба танзим медарорад?**

Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КТ), ки 30 майи соли 2017 қабул карда шуд ва дар худ як қатор қонунҳоро дар соҳаи тандурустӣ ва ҳимояи саломатии аҳолӣ иваз намуд аз он ҷумла Қонуни ҶТ "Дар бораи ёрии равонпизишкӣ" аз 02.12.2002 сол, масъалаҳои кӯмаки тиббию иҷтимоиро ба одамони мубталои бемориҳои рӯҳӣ ва нашъамандӣ ба танзим медарорад.

4. **Носолимии (бемории) рӯҳӣ гуфта чӣ фаҳмида мешавад?**

Носолимии (бемории) рӯҳӣ ин вайрон шудани фаъолияти муътадили рӯҳии инсон, ки дар пастшавии қобилияти ақлӣ ва тағйирёбии возеҳи тафаккур ифода меёбад.

5. **Муассисаҳои бемориҳои рӯҳӣ чист?**

Муассисаҳои бемориҳои рӯҳӣ инҳо беморхонаҳои рӯҳӣ ва рӯҳу асаб, марказҳои бемориҳои рӯҳӣ ва рӯҳу асаб, ҳуҷраи табиби бемориҳои рӯҳии марказҳои саломатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо, ки дар ҳамкории зич бо шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ба шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ кӯмаки тиббии махсусгардонидашударо мерасонанд.[7]

6. **Кӯмаки тиббии рӯҳӣ чист?**

---

[6] Банди 1 Низомномаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти 2014 сол, № 168 тасдиқ шудааст (дар таҳрири қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.03.2015с. № 161, аз 29.11.2017с.№562)

[7] Моддаи 1 КТ ҶТ

Кӯмаки тиббии рӯҳӣ ин пешгирӣ намудани бемориҳои рӯҳӣ, муоинаи солимии рӯҳии шаҳрвандон, назорати диспансерӣ, ташхиси носолимии рӯҳӣ, табобат, нигоҳубин, барқарорсозии тиббӣ ва иҷтимоии шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ мебошад.[8]

**7. Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ чӣ маъно дорад?**

Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ин сатҳи хизматрасонии тиббӣ, ки дар он робитаи нахустини шаҳрвандони солим ва бемор бо табибон ба вуқӯъ меояд.[9]

**8. Табобати маҷбурӣ чӣ маъно дорад?**

Табобати маҷбурӣ ин табобате, ки дар асоси аризаи шахс, коллективҳои меҳнатӣ, ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ ё бо ташаббуси мақомоти корҳои дохилӣ тибқи муқаррароти Кодекси мазкур дар асоси хулосаи комиссияи мақомоти ваколатдори тандурустӣ, бо қарори суд дар шӯъбаҳои махсусгардонидашудаи муассисаҳои тиббӣ ва бо реҷаи муқарраршудаи нигоҳ доштан ва табобати меҳнатӣ гузаронида мешавад.[10]

**9. Кӯмаки тиббии рӯҳиро ки мерасонад?**

Кӯмаки тиббии рӯҳиро муассисаҳои бемориҳои рӯҳӣ (рӯҳу асаб) новобаста аз шакли моликияташон дар ҳамкории зич бо хадамоти кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ мерасонанд.[11]

**10. Кӯмаки аввалияи тиббиро ба шахсони мубталои бемориҳои рӯҳӣ ки расонида метавонад?**

Мутахассисони тибби оилавӣ дар соҳаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, ки аз тайёрии махсус гузаштаанд

---

[8] Моддаи 1 КТ ҶТ
[9] Моддаи 1 КТ ҶТ
[10] Моддаи 1 КТ ҶТ
[11] Қисми 1 моддаи 182 КТ ҶТ

барои ташхиси бемориҳои рӯҳӣ, расонидани кӯмаки аввалияи тиббии рӯҳӣ, нисбат ба ҳолатҳои рӯҳафтодагӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ, ҳуқуқ доранд.[12]

**11. Чӣ тавр ташхиси бемории рӯҳӣ гузошта мешавад?**

Ташхиси бемории рӯҳӣ мувофиқи стандартҳо ва таснифҳои маъмули байналмилалӣ муқаррар карда мешавад.

Барои ташхис ва табобати шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ восита ва усулҳои тиббие истифода бурда мешаванд, ки бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ иҷозат дода шудаанд.

Восита ва усулҳои тиббӣ танҳо бо мақсади ташхис ва табобат, мувофиқи хусусияти беморӣ истифода гардида, набояд барои ҷазо додани шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ ё ба манфиати шахсони дигар истифода карда шаванд.[13]

Муқаррар намудани ташхиси бемории рӯҳӣ, қабули қарор ва додани хулоса барои суд, баррасӣ намудани масъалаи расонидани кӯмаки ғайриихтиёрии тиббии рӯҳӣ танҳо ҳуқуқи комиссияи табибони бемориҳои рӯҳӣ мебошад.[14]

**12. Барои ҷойгир намудани шахс ба муассисаҳои бемориҳои рӯҳии мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ чӣ асос шуда метавонад?**

Асос барои ҷойгир намудани пиронсолон ва маъюбон, аз ҷумла ноболиғон дар муассисаҳои дахлдори рӯҳию асаби мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ хулосаи комиссияи машваратию табибони бемориҳои рӯҳии муассисаи давлатии тандурустӣ ва санади муассисаҳои мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар хусуси мавҷуд будани бемории рӯҳӣ мебошад.

[12] Қисми 2 моддаи 182 КТ ҶТ

[13] Моддаи 176 КТ ҶТ

[14] Қисми 3 моддаи 182 КТ ҶТ

Шахсони мазкур дар муассисаҳои дахлдори рӯҳиву асаби мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ихтиёран тибқи аризаи хаттӣ, ноболиғон тибқи аризаи намояндаи қонунӣ ва шахсони ғайри қобили амал эътирофшуда бо қарори суд ҷойгир карда мешаванд.

Қоидаҳои ҷойгир намудан ва нигоҳдории пиронсолон ва маъюбони бемориҳои рӯҳӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ таҳия ва тасдиқ карда мешавад.[15]

## 13. Табиби бемориҳои рӯҳӣ ҳангоми расонидани кӯмаки тиббии рӯҳӣ чиро ҳамчун дастури амал қарор медиҳад?

Табиби бемориҳои рӯҳӣ ҳангоми муқаррар намудани ташхиси бемор ва иҷрои вазифае, ки бо расонидани кӯмаки тиббӣ ба шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ба пешгирии имкони содир кардани амали барои ҷомеа хатарнок аз ҷониби онҳо вобаста аст, дар қабули қарор мустақил буда, танҳо нишондодҳои тиббӣ, қарзи табибӣ ва талаботи қонунгузориро дастури амал қарор медиҳад.

Дар сурати бо фикри аъзои комиссия номувофиқ будани фикри табиби бемориҳои рӯҳӣ ӯ ҳуқуқ дорад фикрашро хаттӣ баён намояд, ки он ба ҳуҷҷатҳои тиббӣ ҳамроҳ карда мешавад.[16]

## 14. Ба шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ аз ҷониби давлат кадом намуди кӯмак расонида мешавад?

- Ба шахсони гирифтори бемориҳои руҳӣ аз ҷониби давлат кафолатҳои зерин дода мешавад:
- кӯмаки тиббии рӯҳии таъхирнопазир;

[15] Моддаи 191 КТ ҶТ
[16] Моддаи  183 КТ ҶТ

- кӯмаки машваратию ташхисӣ, табобатӣ, пешгирикунанда, тавонбахшии саломатӣ дар шароити беморхона ва берун аз он;
- тамоми намудҳои экспертизаи бемориҳои рӯҳӣ, додани корношоямии муваққатӣ;
- нафақа, кӯмаки иҷтимоию маишӣ ва мусоидат оид бо кор таъминкунӣ ба шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ;
- ҳалли масъалаҳои васоят;
- маслиҳат оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва дигар намуди ёрии ҳуқуқӣ дар муассисаҳои бемориҳои рӯҳӣ ва рӯҳу асаб;
- беҳтар кардани шароити иҷтимоию маишии маъюбон ва пиронсолон, ки гирифтори бемориҳои рӯҳианд, ҳамчунин нигоҳубини онҳо;
- таълими маъюбон ва ноболиғони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ .[17]

## 15. Асосҳо барои бистари кардан ба беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ

Мавҷуд будани бемории рӯҳӣ, ки муоина ё табобатро тақозо намуда, дар шароити дармонгоҳӣ (берун аз беморхона) гузаронидани онҳо имконнопазиранд, барои дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ бистарӣ намудани шахс асос шуда метавонад.

Ҷой додани шахс дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ, ихтиёран бо мурочиат ё бо розигии ӯ анҷом дода мешавад.[18]

## 16. Дар кадом ҳолатҳо шахс бе розигиаш ба беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ ҷойгир карда мешавад

[17] Қисми 1 моддаи 181 КТ ҶТ

[18] Қисмҳои 1,2 моддаи 185 КТ ҶТ

Шахсе, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ғайри қобили амал эътироф шудааст, дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ бо муроҷиат ё розигии намояндаи қонунии ӯ ҷой дода мешавад.[19]

Шахсе, ки гирифтори бемории возеҳи рӯҳӣ гардида, қобилияти дарк намудани қабули бошууронаи қарорро аз даст додааст ва бинобар ҳолати рӯҳӣ барои худ ва атрофиён хатарнок аст, ё шахсе, ки бо табобат ва кӯмаки тиббии рӯҳӣ фаро нагирифтани он боиси хатар ба саломатии ӯ ва расонидани зарари ҷиддии маънавӣ ва моддӣ ба атрофиён мегардад, бо қарори табиби бемориҳои рӯҳӣ бе розигии бемор ва намояндаи қонунии ӯ дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ, бистарӣ карда мешавад.

Асоснокии дар беморхона бистарӣ намудан дар чунин ҳолатҳо бояд аз ҷониби комиссияи табибони бемориҳои рӯҳӣ тасдиқ карда шавад.[20]

## 17. Тартиби маҷбур ҷойгир намудани шахс ба беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ чӣ гуна аст?

Шахсоне, ки ба беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ қабул гардидаанд, дар давоми 72 соат бояд аз ҷониби комиссияи табибони бемориҳои рӯҳӣ мавриди муоинаи ҳатмӣ қарор дода шаванд.

Агар бе розигӣ дар беморхонаи бемориҳои рӯҳи бистарӣ намудан беасос дониста шавад ва бистаригардида хоҳиши дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ монданро надошта бошад, ӯ фавран бояд ҷавоб дода шавад.

Агар дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ бе розигӣ бистарӣ намудан асоснок дониста шавад, хулосаи комиссияи табибони бемориҳои рӯҳӣ дар бораи ҳалли масъалаи минбаъд нигоҳ доштани шахс дар муассисаи бемориҳои рӯҳӣ ба суди маҳалли ҷойгиршавии он дар давоми 48 соат фиристода мешавад.[21]

---

[19] Қисми 3 моддаи 185 КТ ҶТ
[20] Қисмҳои 1,2 моддаи 186 КТ ҶТ
[21] Қисми 1 моддаи 187 КТ ҶТ

Аризаи намояндаи беморхонаи равонпизишкӣ дар бораи бистарикунонии маҷбурии шаҳрванд дар беморхонаи равонпизишкӣ ё зиёд кардани мӯҳлати бистарикунонии маҷбурии шаҳрванди мубталои бемории рӯҳӣ ба суди маҳалли ҷойгиршавии беморхонаи равонпизишкӣ, ки дар он шаҳрванд қарор дорад, пешниҳод карда мешавад. Ариза дар бораи бистарикунонии маҷбурии шаҳрванд дар мӯҳлати 48 соат аз лаҳзаи ҷойгиркунонии шаҳрванд дар беморхонаи равонпизишкӣ пешниҳод карда мешавад.[22]

Минбаъд азназаргузаронии комиссиявӣ ҳар ним сол бо мақсади муайян кардани зарурати давом додани табобат дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ гузаронида мешавад.[23]

## 18. Тартиби муоинаи маҷбурии равонпизишкӣ чӣ гуна аст?

Аризаи духтури равонпизишк дар бораи муоинаи маҷбурии равонпизишкии шаҳрванд ба суди маҳалли истиқомати шаҳрванд пешниҳод карда мешавад. Ба ариза хулосаи асосноки духтури равонпизишк оид ба зарурати чунин муоина ва дигар маводи мавҷуда замима мегардад.

Дар мӯҳлати се рӯзи додани ариза судя аризаро ҷиҳати муоинаи маҷбурии равонпизишкии шаҳрванд баррасӣ намуда, дар бораи муоинаи маҷбурии равонпизишкии шаҳрванд ё радди муоинаи маҷбурии равонпизишкии шаҳрванд ҳалнома қабул мекунад.[24]

Пас аз шаш моҳи дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ ҷой додани шахси бемор, хулосаи комиссия дар бораи зарурати табобати минбаъда дар беморхона бе розигии ӯ аз ҷониби роҳбари беморхона ба суд, ки бо ҳалномаи худ метавонад табобати беморхонавиро дароз намояд, фиристода мешавад.

Минбаъд дароз намудани муҳлати табобати беморхонавӣ ҳар 6 моҳ аз ҷониби суд амалӣ карда мешавад.

[22] Қисми 1 моддаи 307, қисми 1 моддаи 308 КМГ ҶТ

[23] Қисми 2 моддаи 187 КТ ҶТ

[24] Моддаи 311 КМГ ҶТ

Тартиби мазкур, инчунин нисбат ба шахсоне, ки бо таъиноти суд маҷбуран табобат меёбанд, татбиқ мегардад.[25]

**19. Кадом меъёри қонунгузорӣ баррасии аризаҳоро барои табобат ва муоинаи шахсони бемор дар беморхонаҳои равонпизишкӣ танзим мекунад?**

Ариза дар бораи маҷбурӣ бистарӣ намудан, табобат ва муоинаи шахсон дар беморхонаи равонпизишкӣ дар доираи Кодекси мурофиавии граждании (КМГ) Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.

**20. Чунин аризаҳо чӣ тавр баррасӣ карда мешаванд?**

Аризаро дар бораи бистарикунонии маҷбурии шаҳрванд дар беморхонаи равонпизишкӣ ё тамдиди мӯҳлати бистарикунонии маҷбурии шаҳрванди мубталои бемории рӯҳӣ судя дар мӯҳлати панҷ рӯз аз оғози парванда баррасӣ менамояд. Маҷлиси судӣ дар бинои суд ё беморхонаи равонпизишкӣ гузаронида мешавад. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад шахсан дар маҷлиси судӣ оид ба бистарикунонии маҷбурӣ ва ё тамдиди мӯҳлати бистарикунонии маҷбурии ӯ иштирок кунад.

Парванда бо иштироки прокурор, намояндаи беморхонаи равонпизишкӣ, ки ба суд бо ариза ҷиҳати бистарикунонии маҷбурии шаҳрванд дар беморхонаи равонпизишкӣ ё тамдиди мӯҳлати бистарикунонии маҷбурии шаҳрванд муроҷиат кардааст, намояндаи шаҳрванде, ки нисбат ба он масъалаи бистарикунонии маҷбурӣ ё тамдиди мӯҳлати бистарикунонии маҷбурӣ ҳал карда мешавад, баррасӣ мегардад. [26]

**21. Бо чунин аризаҳо чӣ гуна қарор қабул кардан мумкин аст?**

Судя аризаро дар бораи бистарикунонии маҷбурии шаҳрванд дар беморхонаи равонпизишкӣ ё тамдиди мӯҳлати

---

[25] Қисмҳои 3, 4 моддаи 187 КТ ҶТ

[26] Моддаи 309 КМГ ҶТ

бистарикунонии маҷбурии шаҳрванди мубталои бемории рӯҳӣ моҳиятан баррасӣ намуда, ҳалнома мебарорад, ки мутобиқи он ариза қонеъ ё рад карда мешавад.

Ҳалнома оид ба қонеъгардонии ариза барои бистарикунонии маҷбурии шаҳрванд дар беморхонаи равонпизишкӣ ё тамдиди мӯҳлати бистарикунонии маҷбурии шаҳрванди мубталои бемории рӯҳӣ ва нигоҳ доштани ӯ дар ҷараёни мӯҳлати муқаррарнамудаи қонун асос мебошад. [27]

### 22. Чӣ гуна хешовандон оиди ҷойгиршавии шахс дар беморхонаи рӯҳӣ хабардор карда мешаванд?

Дар давоми 24 соат хешовандон ё намояндаи қонунии вай дар бораи ба беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ бистарӣ намудани ӯ бояд расман ва хаттӣ хабардор карда шаванд.

Ба шахси дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ бистаришуда, агар ҳолати рӯҳии ӯ имкон диҳад, бояд аз ҷониби маъмурияти беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ асос ва мақсади дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ ҷой додани ӯ фаҳмонида шавад. [28]

### 23. Кӣ манфиатҳои қонунии шахсоне, ки ба онҳо ёрии тиббӣ ва равонӣ расонида мешавад, намояндагӣ карда метавонад?

Ҳангоми расонидани кӯмаки тиббии рӯҳӣ шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ ҳуқуқ доранд, бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниашон бо хоҳиши худ адвокат ё шахси дигари ваколатдорро даъват намоянд.

Роҳбари муассисае, ки кӯмаки тиббии рӯҳӣ мерасонад, иштироки адвокатро дар давоми 48 соат, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, таъмин менамояд.

Намояндагони зикршуда ҳуқуқ доранд аз лаҳзаи мурочиат ҳар вакт ба иҷрои ӯҳдадориҳои худ шурӯъ намоянд, ба шахсе, ки манфиатҳои ӯро ҳифз менамояд,

[27] Моддаи 310 КМГ ҶТ
[28] Моддаи 189 КТ ҶТ

муроҷиат кунанд, маълумоти вобаста ба чорабиниҳои тиббӣ ва дигар чорабиниҳои нисбат ба ин шахс анҷомёфтаро ба даст оранд. Инчунин, адвокат ҳуқуқ дорад, ки бо ҳуҷҷатҳои тиббии ба бемор дахлдошта шинос шавад.[29]

### 24. Ба кӣ васӣ муайян карда мешавад?

Васоят барои кӯдакони ба синни чордаҳ нарасида, инчунин барои шахсоне, ки суд онҳоро бинобар гирифтори бемории рӯҳӣ будан ё камақлӣ ғайри қобили амал эътироф кардааст, муқаррар карда мешавад.[30]

### 25. Ба кӣ парастор муайян карда мешавад?

Парасторӣ барои кӯдакони аз чордаҳсола то ҳаждаҳсола ва шахсоне, ки аз тарафи суд дар натиҷаи сӯйистеъмоли машрубот, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда қобилияти амалкуниашон маҳдуд эътироф карда шудааст, муқаррар карда мешавад.[31]

### 26. Шахсоне, ки дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ бистари шудаанд чӣ ҳуқуқу ӯҳдадориҳо доранд?

Шахсони барои табобат ё муоина дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ бистаришуда дорои ҳуқуқҳои зерин мебошанд:

- истифода аз рухсатии табобатӣ;
- мукотиба дар шароите, ки сензураро истисно менамояд;
- пазироии аёдаткунандагон дар рӯзҳои қабул;
- гирифтани фиристода ва муросилот;

[29] Қисмҳои 1, 3 моддаи 177 КТ ҶТ

[30] Банди 22 Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи 2017 сол, №30 тасдиқ карда шудааст.

[31] Банди 23 Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ

- доштан ва ба даст овардани маводи зарурати аввалия.

Ҳуқуқҳои мазкур аз ҷониби табиби табобаткунанда ва мудири шӯъба танҳо дар ҳолати зарурияти ниҳоӣ ба манфиати саломатӣ ё бехатарии худи бемор ё шахсони дигар маҳдуд карда мешаванд.

Шахсони дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ бистаришуда, ки аз рӯи ҳолати рӯҳии худ қобилияти дарк намудани қабули қарори бошууронаро доранд, ӯҳдадоранд, қоидаҳои тартиботи дохилии барои беморхонаҳои бемориҳои рӯҳӣ муқаррааргардидаро риоя намоянд.[32]

## 27. Маҳдудкунии ҳуқуқҳои шахсони дорои бемории рӯҳӣ иҷозат дода мешавад?

Маҳрум намудани ҳуқуқ ва маҳдуд намудани манфиатҳои қонунии шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ танҳо дар асоси муоинаи табиби бемориҳои рӯҳӣ, таҳти назорати диспансерӣ ва дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ ё муассисаҳои рӯҳу асаби мақомоти тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ қарор доштани ӯ, манъ аст.

Ғайри қобили амал эътироф кардани шахси гирифтори бемории рӯҳӣ, танҳо аз ҷониби суд анҷом дода мешавад.

Номгӯи бемориҳои рӯҳиро, ки монеаи амалӣ кардани намудҳои алоҳидаи фаъолияти касбӣ ва фаъолияти бо хатари зиёд алоқаманд мебошанд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.[33]

## 28. Барои духтурон ва кормандоне, ки ба расондани ёрии тиббӣ ва психиатрӣ ҷалб шудаанд, чӣ гуна кафолатҳо ва имтиёзҳо пешбинӣ шудаанд?

Табибони бемориҳои рӯҳӣ, табибони ихтисосҳои дигар, ҳайати тиббӣ ва дигар ҳайат, ки дар расонидани кӯмаки тиббии рӯҳӣ ширкат меварзанд, ба имтиёзҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахсони ба фаъолият дар шароити махсуси меҳнат

[32] Моддаи 190 КТ ҶТ

[33] Моддаи 175 КТ ҶТ

машғул ҳуқуқ дошта, инчунин дар мавридҳои расонидани зарар ба саломатии онҳо ё фавт ҳангоми иҷрои ӯҳдадории хизматӣ бояд таҳти суғуртаи ҳатмии давлатӣ қарор дода шаванд.

Аз ҷумла давомнокии вақти кории табибон дар як ҳафта на зиёда аз 35 соат майян шудааст.[34]

Дар сурати расонидани зарар ба саломатӣ, ки боиси муваққатан гум кардани қобилияти кории шахси дар расонидани кӯмаки тиббии рӯҳӣ ширкатварзида, инчунин ҳангоми маъюб шудан ё дар ҳолати фавти ӯ ба ворисонаш товони зарар пардохт карда мешавад.

Кормандони хурди тиббӣ, ки собиқаи кории 15 солаи бефосила дар муассисаҳои соҳаи тиббии рӯҳӣ доранд ва доимо дар байни беморони рӯҳӣ кор мекунанд, ҳуқуқ доранд, ки аз 50 солагӣ ба нафақа бароянд, кормандон - заноне, ки 3 кӯдак ва ё зиёда аз он доранд аз 48 солагӣ.

Кормандони миёнаи тиббӣ, ки собиқаи кории бефосилаи 15 сол ва зиёда аз онро дар муассисаҳои бемориҳои рӯҳӣ доранд, ҳуқуқи аз 53 солагӣ ва занони 3 кӯдак ва ё зиёда аз он дошта аз 50 солагӣ ҳуқуқи ба нафақа баромаданро доранд. Имтиёзҳои мазкур ба табибон дахл надорад .[35]

## 29. Кадом қонунгузорӣ табобати маҷбурии беморони рӯҳиро, ки кирдори ҷамъиятии хатарнок содир кардаанд, танзим мекунад?

Бо таъиноти судӣ маҷбуран табобат намудани шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳӣ, ки кирдори барои ҷамъият хавфноки дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардидаро содир намудаанд, тибқи асос ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. [36]

---

[34] Моддаи 70 Кодекси меҳнати ҶТ

[35] Моддаи 184 КТ ҶТ

[36] Қисми 1 моддаи 178 КТ ҶТ

**30. Оё назорати ҷамъиятӣ аз болои риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсон ҳангоми расондани кӯмаки тиббӣ ва психиатрӣ вуҷуд дорад?**

Қоидаи ташриф овардан ба муассисаҳои бемориҳои рӯҳӣ ва рӯҳу асаб бояд дар оинномаи ин иттиҳодияҳо инъикос ёфта бошад.

Ҳангоми расонидани кӯмаки тиббии рӯҳӣ иттиҳодияҳои ҷамъиятии табибони бемориҳои рӯҳӣ, дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мутобиқи оинномаҳои худ метавонанд бо хоҳиш ё бо розигии шахс назорати ҷамъиятиро, ҷиҳати риоя намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо амалӣ гардонанд.

Намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ӯҳдадоранд, ки шартҳои ташриф оварданро бо роҳбарияти муассисаҳои бемориҳои рӯҳӣ ва рӯҳу асаб мувофиқа намуда, бо қоидаҳои амалкунандаи он шинос шаванд ва ӯҳдадории ифшо накардани сирри тиббиро имзо ва риоя кунанд. [37]

**31. Зери мафҳуми "нашъамандӣ" чӣ ифода меёбад?**

Нашъамандӣ ин беморие, ки аз заҳролудшавии музмини организм дар натиҷаи сӯистеъмоли воситаҳои нашъадор, ки дар конвенсияҳои байналмилалии дахлдор ва рӯйхати миллӣ гурӯҳбандӣ шудаанд, ба вуҷуд омада, хусусияти вобастагии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ аз онҳо дорад.[38]

**32. Бемориҳои наркологӣ чигунаанд ?**

Бемориҳои наркологӣ ин вайроншавии солимии рӯҳӣ ва соматикӣ, ки ба истеъмоли ғайритиббии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва ба онҳо баробаркардашуда, машруботи спиртӣ вобаста буда, оқибати он ташаккул ёфтани вобастагии рӯҳӣ аз моддаҳои номбаршуда ва таназзули иҷтимоӣ мебошад.[39]

---

[37] Моддаи 19 КТ ҶТ

[38] Моддаи 1 КТ ҶТ

[39] Моддаи 1 КТ ҶТ

**33. Кадом восита, воситаҳои нашъадор мебошанд?**

Воситаҳои нашъадор ин маводи сунъӣ ё табиӣ, шакли дорувории онҳо, инчунин растаниҳое, ки дар конвенсияҳои байналмилалии дахлдор ва Рӯйхати миллии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо гурӯҳбандӣ шудаанд.[40]

**34. Кадом муассисаҳо муассиаҳои наркологӣ мебошанд?**

Муассисаҳои наркологӣ инҳо беморхонаҳо ва марказҳои наркологӣ, шӯъбаҳои тавонбахшӣ ё марказҳо барои расонидани тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ ба беморони наркологӣ, ҳуҷраҳои наркологӣ дар марказҳои саломатии ноҳиявӣ ва шаҳрӣ мебошанд, ки дар ҳамкории зич бо хадамоти кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, кӯмаки тиббии махсусгардонидашударо ба шахсони гирифтори бемориҳои наркологӣ мерасонанд.[41]

**35. Барқарорсозии тиббию иҷтимоӣ чӣ маъно дорад?**

Барқарорсозии тиббию ийтимоӣ - барқарорсозии саломатии беморон бо истифодабарии маҷмӯи чорабиниҳои тиббӣ, иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, барои ҷалби беморон ба меҳнат,ҳамроҳшавӣ ба ҳаёти оилавӣ ва ҷамъиятӣ.[42]

**36. Кӯмаки наркологӣ кадом чорабиниҳоро фаро мегирад?**

Кӯмаки наркологӣ ин маҷмӯи чорабиниҳо иборат аз пешгирӣ, назорати диспансерӣ, ташхис, табобат, нигоҳубин ва барқарорсозии тиббию иҷтимоии бемориҳои наркологӣ.[43]

---

[40] Моддаи 1 КТ ҶТ, моддаи 2 Қонуни ҶТ “Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва перекурсорҳо аз 10 декабри соли 1999 (дар редаксияи Қонуни ҶТ аз 10.05.2002 с. N37, аз 29.04.2006с.№179 аз 30.07.2007с.№297, аз 22.07.2013г.№ 988)

[41] Моддаи 1 КТ ҶТ

[42] Моддаи 1 КТ ҶТ

[43] Моддаи 1 КТ ҶТ

### 37. Майзадагӣ чист?

Майзадагӣ ин бемории наркологӣ, ки хусусияти истеъмоли давомдори машруботи спиртӣ дошта, бо зуҳуроти вобастагии рӯҳӣ ва биологӣ аз машруботи спиртӣ, тағйирёбии таъсири он, пайдоиш ва инкишофи таназзули рӯҳӣ ва соматикии машруботи спиртӣ сурат мегирад.[44]

### 38. Ки ташхиси бемории наркологиро муқаррар мекунад?

Муқаррар кардани ташхиси бемории наркологӣ ҳуқуқи истисноии табиби нарколог ва табиби бемориҳои рӯҳӣ мебошад.

Шахсро танҳо дар асоси хулосаи комиссияи тиббии муассисаи тахассусии тандурустӣ майзада, заҳрманд ё нашъаманд донистан мумкин аст.

Қарор дар хусуси муқаррар намудани назорати диспансерӣ ё аз қайди наркологӣ баровардани шахсони гирифтори бемории наркологӣ ё онҳое, ки ба истеъмоли ғайритиббии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, машруботи спиртӣ ва моддаҳои ба онҳо баробар роҳ медиҳанд, аз ҷониби комиссияи табибони нарколог ва бемориҳои рӯҳӣ қабул карда мешавад.[45]

### 39. Чӣ тавр муоинаи тиббии шахсони мубталои бемориҳои наркологӣ, майзадагӣ ва шахсоне ки дар ҳолати мастӣ қарор доранд, гузаронида мешавад?

Муоинаи тиббӣ ин маҷмӯи тадбирҳои дорои хусусияти тиббие, ки ба муайян намудани далели истеъмоли нӯшокиҳои спиртдор, маводи нашъаовар ва арзёбии ҳолати мастӣ ё мадҳушӣ равона гардидаанд.

Муоинаи тиббӣ барои муайян намудани далели истеъмоли нӯшокиҳои спиртдор, маводи нашъаовар ва

---

[44] Моддаи 1 КТ ҶТ

[45] Қисмҳои 2,3 моддаи 201, қисми 1 моддаи 206 КТ ҶТ

ҳолати мастӣ дар утоқҳои махсусгардонидаи марказҳои наркологӣ аз ҷониби табибони психиатрнаркологҳо ё дар муассисаҳои табобатию профилактикӣ аз ҷониби табибони психиатр ва наркологҳо ё аз ҷониби мутахассисони дигари тиб, ки тайёрии махсусро оид ба ташхиси ҳолати мастӣ гузаштаанд, инчунин бевосита дар муассисаҳо ва ё дар нақлиёти бо ин мақсад махсус ҷиҳозонидашуда гузаронида мешавад.

Дар деҳоти дурдаст аз муассисаҳои тиббӣ, ки воҳидҳои кории табиб надоранд, бо қарори махсуси идораи тандурустии маҳаллӣ ба таври истисно ба гузаронидани ташхис ва ё муоинаи тиббӣ аз тарафи корманди миёнаи тиб, ки тайёрии махсуси ташхиси ҳолати мастиро гузашта, дар бунгоҳи тиббӣ кор мекунад, роҳ дода мешавад.

Тартиби мазкур муоинаи наркологиро дар мавриди ташхисҳои судию тиббӣ ва судию психиатрӣ дар бар намегирад.

Ташхиси судию тиббӣ аз рӯи тартиби муқарраршуда дар асоси қарори мақомоти тафтишотӣ ва судӣ гузаронида мешавад.

Гузаронидани муоина аз рӯи муроҷиати шахсии шаҳрванд бе роҳхати расмӣ мумкин аст. Дар ин ҳолат муоинашаванда вазифадор аст, ки ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияташро пешниҳод намояд ва дар аризаи хаттӣ бо шарҳи муфассали хоҳиши ӯ оид ба гузаронидани муоинаи тиббӣ сабт намояд. Натиҷаи муоина бо тарзи шифоҳӣ ба муоинашавандаи бе роҳхати расмӣ муроҷиаткарда хабар дода мешавад, протокол бо хулосаи муоина аз рӯи дархости хаттии идораю муассисаҳои манфиатдор дода мешавад.[46]

## 40. Шахсони гирифтори бемориҳои наркологӣ дорои чи хел ҳуқуқҳо мебошанд?

[46] Бандҳои 2, 3, 7 Тартиби бо муоинаи тиббњ тасдиѕ намудани і олати мастњ ва ба расмият даровардани натиї аи он, ки бо ѕарори І укумати Ї умі урии Тої икистон аз "3" майи соли 2014 № 298 тасдиѕ шудааст.

Шахсони гирифтори бемориҳои наркологӣ дорои тамоми ҳуқуқ ва озодиҳое мебошанд, ки Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, аз ҷумла:

- муносибати эҳтиромона ва башардӯстона, ки таҳқири шаъну эътибори инсониро истисно менамояд;
- махфияти маълумот доир ба хусусияти бемориҳои мавҷудаи наркологии онҳо ва усулҳои табобати истифодашаванда, агар он ба саломатиашон зарар наоварад;
- истифодаи воситаю усулҳои табобатӣ, ба истиснои ҳолатҳои манъкардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар шароити дармонгоҳӣ ва беморхонавӣ гузаронидани табобат;
- нигоҳдорӣ дар муассисаҳои табобатии беморхонаи наркологӣ дар тӯли муҳлате, ки барои муоина ва табобат зарур аст;
- расонидани кӯмаки тиббӣ дар шароите, ки ба талаботи санитарию гигиенӣ ҷавобгӯ мебошад;
- бо талаби беморон даъват намудани мутахассисони наркологӣ ва бемориҳои рӯҳӣ барои кор дар комиссияи тиббӣ оид ба масъалаҳои танзимкунандаи Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- гирифтани кӯмаки иҷтимоӣ аз давлат;
- пешниҳоди арзу шикоят ба мақомоти давлатӣ, суд, муассисаву ташкилотҳо;
- ёрии адвокат, намояндаи қонунӣ, инчунин шахси дигар бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- гирифтани иттилоот оид ба хусусияти бемориашон, мақсад ва давомнокии намуди кӯмаки наркологии тавсияшаванда, расмиёти таъингардида ва усулҳои

табобат, натиҷаҳои пешбинигардида, аксуламалҳои имконпазир, инчунин усулҳои алтернативии табобатӣ;

- муроҷиат бо хоҳиши худ барои ҷавоб додан аз беморхона;
- розигии пешакӣ ва дар ҳар марҳила даст кашидан аз истифода ба сифати объекти санҷиши воситаю усулҳои тиббӣ, тадқиқоти илмӣ ё раванди таълим, аз аксбардорӣ, сабти видео ё филмбардорӣ .[47]

## 41. Ба кормандони муассисаҳои наркологӣ чӣ гуна ӯҳдадориҳо вогузор карда шудаанд?

Кормандони тиббии муассисаҳои наркологӣ ӯҳдадоранд:

- беморони дар муассисаҳои наркологӣ мавҷударо бо тамоми навъҳои кӯмаки тиббии пешбининамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ таъмин намоянд;
- барои бурдани мукотиба, фиристодани шикоят, ариза ва мактубҳо ба мақомоти давлатӣ, прокуратура, суд, инчунин адвокат шароит фароҳам оваранд;
- дар хусуси тағйир ёфтани ҳолати саломатии бемор ё рух додани ҳолати фавқулода бо ӯ, хешовандон ё намояндаи қонунии ӯ, дар сурати набудани онҳо бо нишондоди ӯ дигар шахсро огоҳ намоянд;
- амнияти бемори дар беморхона қарордоштаро таъмин намуда, маводи муросилотро таҳти назорат гиранд.[48]

## 42. Барои бистарикунони дар беморхонаи наркологӣ чиҳо асос шуда метавонанд?

Кӯмаки наркологӣ барои беморон дар асоси муроҷиат ва ё розигии онҳо расонида мешавад, барои ноболиғон

[47] Моддаи 195 КТ ҶТ
[48] Моддаи  198 КТ ҶТ

бошад дар асоси мурочиат ё ки розигии волидон ё ин, ки намояндагони қонунии онҳо расонида мешавад.

Барои бистарикунонӣ дар беморхонаи наркологӣ инҳо асос шуда метавонанд:

- мурочиати ихтиёрӣ ҳангоми мавчудияти бемории наркологӣ дар шахсе, ки ҳолаташ ташхис ё табобатро тақозо менамояд ва онро дар шароити дармонгоҳӣ анчом додан номумкин аст;
- гузаронидани экспертизаи судию наркологӣ;
- гузаронидани ташхиси меҳнатӣ;
- гузаронидани экспертизаи ҳарбӣ - наркологӣ;
- гузаронидани табобати чойивазкунандаи ёрирасон ба беморони гирифтори нашъамандӣ.[49]

### 43. Дар кадом ҳолатҳо табобати мачбурии шахсони мубталои бемории нашъамандӣ гузаронида мешавад?

Нисбат ба шахсоне, ки чиноят содир кардаанд, инчунин шахсоне, ки ҳуқуқвайронкунии маъмуриро содир намудаанд ва ҳамзамон эҳтиёч ба табобати бемории тасдиқшудаи наркологӣ доранд ва аз табобати ихтиёрӣ дасткашӣ менамоянд, дар асоси қарори суд чораҳои мачбурии хусусияти тиббӣ дошта, андешида мешаванд.

Табобати мачбурии шахс дар шӯъбаҳои махсусгардонидашудаи ташкилотҳои тиббии тахассусӣ амалӣ карда мешавад.

Табобати мачбурии шахсоне, ки аз озодӣ маҳрум шудаанд, дар чойҳои маҳруми аз озодӣ амалӣ карда мешавад.[50]

---

[49] Қисми 1 моддаи 199 КТ ЧТ

[50] Қисмҳои 1, 2 моддаи 203 КТ ЧТ

**44. Табобати маҷбурии беморони бемориҳои наркологӣ чӣ тавр гузаронида мешавад?**

Ташкили табобати маҷбурии бемориҳои наркологӣ дар асоси чорабиниҳои маҷмӯии тиббию иҷтимоӣ, табобати меҳнатӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва офияти иҷтимоӣ бо риояи реҷаи муқарраргардида амалӣ карда мешавад. [51]

**45. Оё маҳдуд намудани ҳуқуқҳои шахсони гирифтори бемориҳои наркологӣ ба роҳ монда мешавад?**

Маҳдуд намудани ҳуқуқҳои шахсони гирифтори бемориҳои наркологӣ, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст.

Номгӯи навъҳои фаъолияти алоҳидаи касбӣ ва корҳои вобаста ба манбаи хатари зиёд, ки ҷиҳати машғул шудан ба онҳо барои шахсони гирифтори бемориҳои наркологӣ маҳдудият муқаррар мегардад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.[52]

**46. Дар кадом ҳолатҳо табобати маҷбурӣ ба амал баровარда намешавад?**

Табобати маҷбурӣ нисбати шахсони зерин ба амал баровარда намешавад:

- шахсоне, ки ба 18 солагӣ нарасидаанд;
- занҳои ҳомила ва модароне, ки фарзандони то 8 сола доранд;
- шахсоне, ки ба синни нафақа расидаанд;
- маъюбони гурӯҳҳои I ва II;
- беморони рӯҳӣ;

---

[51] Қисми 4 моддаи 203 КТ ҶТ

[52] Моддаи 196 КТ ҶТ

- шахсоне, ки гирифтори бемориҳои ҳамрадифи вазнинанд ва аз ин сабаб монеагӣ ҷиҳати амалӣ намудани табобати маҷбурӣ вуҷуд дорад. Рӯйхати чунин бемориҳоро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқ менамояд.[53]

## 47. Кадом намудҳои кӯмаки наркологӣ ва ҳифзи иҷтимоиро давлат пешниҳод менамояд?

Давлат намудҳои кӯмаки наркологӣ ва ҳифзи иҷтимоии зеринро кафолат медиҳад:

- кӯмаки таъҷилии наркологӣ;
- кӯмаки наркологӣ бо таъмини махфият дар ташкилоту муассисаҳои наркологӣ;
- кӯмаки машваратию ташхисӣ, табобатию пешгирӣ, рӯҳдармонию ҷойивазкунанда, зиддихуруҷӣ ва тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ дар шароити беморхона ва берун аз он;
- тамоми навъи экспертизаҳои наркологӣ, муайян кардани корношоямии муваққатӣ;
- машварат оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва дигар навъҳои ёрии ҳуқуқӣ;
- фарогирии иҷтимоию маишии маъюбон ва кӯҳансолони гирифтори бемориҳои наркологӣ.[54]

## 48. Муассисаҳои табобатию пешгирикунанда, ки кӯмаки беморхонавии наркологӣ мерасонанд, кадом вазифаҳоро иҷро мекунанд?

Муассисаҳои табобатию пешгирикунанда, ки кӯмаки беморхонавии наркологӣ мерасонанд, корҳои зеринро анҷом медиҳанд:

[53] Қисми 3 моддаи 203 КТ ҶТ
[54] Моддаи 194 КТ ҶТ

- азназаргузаронӣ барои муайян намудани ҳолати мадҳушӣ аз воситаҳои нашъадор, заҳрнок ё машруботи спиртӣ;
- муоинаи маҷмӯии клиникии шахсони бистаришуда ҷиҳати муқаррар намудани беморӣ;
- табобат ва офияти тиббии шахсони гирифтори бемориҳои наркологӣ;
- расонидани кӯмаки рӯҳӣ ва дигар кӯмакҳои тиббӣ ба шахсони гирифтори бемориҳои наркологӣ;
- расонидани кӯмакҳои тиббию иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ба шахсони гирифтори бемориҳои наркологӣ;
- гузаронидани табобати ивазкунандаи алтернативӣ нисбат ба шахсони гирифтори бемориҳои наркологӣ.[55]

[55] Моддаи 197 КТ ҶТ

## Руйхати адабиётҳои истифодашуда:


- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ”
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо"
- Низомномаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ
- Тартиби бо муоинаи тиббӣ тасдиқ намудани ҳолати мастӣ ва ба расмият даровардани натиҷаи он
- Тартиб ва ҳаҷми пешниҳод намудани хизматрасониҳои ройгони иҷтимоӣ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.